**Course name: National economy**

# **Week 11:** ***Sector of the Republic of Tajikistan, description of its sectors and features of population protection in market conditions***

# Номи фан: Иқтисоди миллӣ
*(National economy)*

**МАВЗӮИ 11. Бахши Ҷумҳурии Тоҷикистон, тавсифи соҳаҳои он ва хусусиятҳои ҳифзи аҳолӣ дар шароити бозор**

**Саволҳои лексия:**

**1. Хусусиятхои ҳифзи аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар деҳот.**
**2. Муаммоҳои камбизоатии аҳолӣ, вазъ ва фаъолияти онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.**
**3. Масъалаҳои ҳифзи аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар барномаҳои давлатӣ (Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030).**

## 1. Хусусиятхои ҳифзи аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар деҳот:

Бо дарназардошти ҳамин самтҳои афзалиятноки соҳаи ҳифзи иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон он самтҳое ба ҳисоб меравaнд, ки мустақиман ба сатҳи зиндагии аҳолӣ таъсир мерасонад: шуғл, суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, таъминот бо нафақа, кумаки суғуртаи ҷумҳурӣ. Бахши ҳифзи Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳолии мамлакат аз системаи суғуртаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таъминот бо нафақа, шуғл, муҳоҷирати меҳнатӣ, ҳифзи ҳуқуқи оила, кӯдак, расонидани кумаки суроғавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба гурӯҳҳои осебпазир ва камбизоат иборат мебошад. Таҳлили вазъи системаи ҳифзи иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки проблемаҳои асосии бахш аз инҳо иборатанд:

- дар сиёсати Ҷумҳурии Тоҷикистон нигоҳ доштани методология, усул ва муносибатҳое, ки то давраи гузариш ба иқтисоди бозаргонӣ истифода мегардиданд;
- ноустувории молиявии системаи ҳифзи Ҷумҳурии Тоҷикистон, суғуртаи давлати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таъминот бо нафақа;
- паст гардидани ҳиссаи хароҷоти буҷети давлатӣ, ки ба хизматрасонии кумаки Ҷумҳурии Тоҷикистон равона карда мешаванд;
- мавҷуд набудани шаффофияти ҳаракати воситаҳои молиявии система;

- мушкилии механизми расонидани кумаки суроғавии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- мавҷуд набудани сиёсати мақсадноки демографӣ; ҳифзи нокифояи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқии гурӯҳҳои алоҳидаи шаҳрвандон;
- маҳдуд будани таъминоти иттилоотии системаи ҳифзи Ҷумҳурии Тоҷикистон (омори Ҷумҳурии Тоҷикистон);
- номутобиқатии ташкили таъминоти маъюбон, пиронсолон, кӯдакони дорои имконияти маҳдуд ба стандартҳои умумиқабулгардида;
- мавҷуд будани теъдоди зиёди бахшҳои «ниҳонӣ»;
- сифати пасти нерӯи меҳнатии кишвар ва рақобатпазирии он.

Ислоҳот дар низоми тандурустӣ ба таъмини дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои тандурустӣ ва маводи ғизои равона шудааст. Барои ҷорӣ намудани хизматрасониҳои нави технологӣ ҷаҳду кӯшишҳои зиёд сарф шуда истодаанд. Соли 2015 давомнокии эҳтимолии ҳаёт ҳангоми таваллуд дар Тоҷикистон ба ҳисоби миёна 73,5 сол (аз ҷумла 71,7 сол барои мардон ва 75,5 барои занон)-ро ташкил намуд. Дар давоми солҳои 2007-2015 аз рӯи нархҳои доимӣ хароҷоти буҷети давлатӣ барои соҳаи тандурустӣ 6,3 маротиба афзоиш ёфт. Айни замон маҷмӯи хароҷотҳои давлат барои соҳаи тандурустӣ 2,1 фоиз нисбат ба ММД-ро ташкил медиҳад, ки ба сатҳи хароҷоти кишварҳои дорои ҳаҷми наздики ММД ба ҳар нафар аҳолӣ баробар аст. Афзоиши даромадҳо ва шумораи аҳолии табақаи миёна талаботҳоро ба сифат ва дигаргуншавии хизматрасониҳои тиббӣ баланд мебардорад. Таъсири бемориҳои ғайрисироятӣ бинобар пир гаштани аҳолӣ зиёд мегардад, агар мушкилиҳо, яъне таъсири манфии истеъмоли тамоку, фаъолияти заифи обу тоби бадан, ғизохӯрии нодуруст ва истеъмоли машрубот, ки ба саломатӣ зарар дорад, боқӣ монад.

Дар ояндаи дарозмуҳлат масъалаи баланд бардоштан ва 100 фоиз нигоҳ доштани таъминоти аҳолӣ бо кумаки аввалияи тиббӣ гузошта мешавад. Ислоҳоти асосӣ дар соҳаи тандурустӣ ба таъмини устуворӣ ва дастрасии ҳамаи гурӯҳҳои аҳолӣ ба муолиҷаю табобат ва барқарорсозии саломатӣ равона карда мешавад. Барои ноил шудан ба афзалиятҳои миллии рушд дар соҳаи тандурустӣ сатҳи умумии хароҷотҳоро ба ин соҳа зарур аст то соли 2030 ММД ба 2-2,5 банди фоизӣ бояд баланд бардошта шавад. Дар баробари ин вазифа ба баланд бардоштани сифати ташхис ва ҳамаи намудҳои кумаки тиббӣ, самтгирии соҳа ба тибби профилактикӣ гузошта мешавад. Таъмини солимии аҳолӣ масъалаи байнисоҳавӣ буда, ҳалли он аз саломатӣ ҳангоми таваллуд, саводнокӣ ва тарзи зиндагӣ, ҳолати экологии муҳити зист, шароити меҳнат, мукаммалии истеъмоли ғизо, дараҷаи некӯаҳволӣ ва самаранокии низоми

тандурустӣ вобастагӣ дорад, аз ин рӯ равиш ва роҳҳои ҳалли он бояд маҷмӯӣ бошад[1].

**Пешрави ва рушди назарраси институтсионалӣ дар соҳа:**

- ✓ муассисаҳои кумаки аввалияи тиббию санитарӣ;
- ✓ ташаккули низоми ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ дар соҳаи тандурустӣ;
- ✓ таҳия ва татбиқи муносибати маҷмӯӣ дар таъмини солимӣ ва биобехатарӣ дар доираи консепсияи “Солимии ягона”;
- ✓ барномаи мақсадноки тарзи ҳаёти солим;

барномаҳои мақсадноки рушди варзиши кӯдакон;

- ✓ бунёди кластери байниҳудудии тиббию эҳёгарӣ дар заминаи иқтидори рекреатсионии ҷумҳурӣ.

**Муаммоҳои асосӣ фаъолият:**

- ❖ нокифоя будани натиҷанокии фаъолияти низоми тандурустӣ, ки дар навбати худ азнавкунии доимии технологияҳо ва баланд бардоштани ихтисоси кормандони тиббиро талаб мекунад;
- ❖ суст будани рағбати кормандон ба фаъолияти касбӣ;
- ❖ нокифоя будани маблағгузориҳои давлатӣ барои нигоҳ доштани сатҳи баланди кафолатҳои давлатӣ, ҳиссаи маблағгузории хусусӣ назаррас мебошад;
- ❖ тафовут дар сатҳи дастрасӣ ва хизматрасонии тиббӣ аз рӯи намудҳои махсусгардонидашудаи кумак ба аҳолии деҳот ва шаҳр ҷой дорад;
- ❖ заифии низоми миллии назорати байторию санитарӣ ва фитосанитарии маҳсулоти хӯрока;
- ❖ сатҳи пасти фаъолияти ҳавасмандгардонии аҳолӣ оид ба пешбурди тарзи ҳаёти солим, пешгирии бемориҳо.

**Имкониятҳои ҷойдоштаи сармояи инсонӣ:**

Омили муҳими афзун гардонидани сармояи инсонӣ дар робита бо таъмини солимӣ ва дарозумрӣ аз амалӣ намудани афзалиятҳои зерин мебошад:

1.дигаркуниҳои мунтаззам дар соҳаи тандурустӣ;

2. беҳсозии дастрасӣ, сифат ва самаранокии хизматрасонии тиббию санитарӣ;

3. инкишофи захираҳои соҳаи тандурустӣ;

4. ҷорӣ намудани моделҳои пешбурди тарзи ҳаёти солим.

## 2. Муаммоҳои камбизоатии аҳолӣ, вазъ ва фаъолияти онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

---

[1] Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. 54-67с

Сарфи назар аз методикаи интихобгардидаи ҳисоби сатҳи камбизоатӣ амиқан рӯ ба таназзул аст. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ -Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомали Раҳмон дар паёми худ изҳор дошт, ки сатҳи камбизоатӣ аз 29,5 фоизи соли 2017 то 21,2 фоиз дар соли 2023 коҳиш дода шуд[2].

Дар ду даҳсолаи охир сатҳи зиндагии аҳолии кишвар тадриҷан беҳтар гардида, нишондиҳандаи сатҳи камбизоатӣ аз 83% дар соли 1999 то 62% дар соли 2023 поин рафт.

Музди миёнаи меҳнат дар ин давра ду баробар ва андозаи нафақаи ниҳоӣ 1,9 баробар зиёд шуд[3].

Бо вуҷуди болоравии нархҳо дар бозори ҷаҳонӣ сатҳи таваррум дар кишвар солҳои ахир муътадил нигоҳ дошта шуда соли 2023 3,8%-ро ташкил кард, ки дар натиҷаи амалигардонии тадобири зикршуда сатҳи камбизоатӣ коҳиш дода шуд.

Барои идомаи ин раванд ба ҳукумати кишвар супориш дод, ки ҷиҳати дар 7 соли баъдӣ то ба 10% кам кардани мизони камбизоатӣ чораҳои мушаххас андешад.

“Мо ин корро карда метавонем, дар сурате, ки бо масъулияти баланд кору фаъолият намоем”

Самаранокии рушди иқтисодӣ бо ҳаҷми маҷмуи маҳсулоти дохилӣ ба ҳар сари аҳолӣ муқаррар карда мешавад. Дар соли 2023 ММД ба ҳар сари аҳолӣ нисбат ба соли 2000 қариб 41 маротиба афзуд. Агар дар соли 2000 ММД ба ҳар сари аҳолӣ наздик ба 300 сомониро ташкил карда бошад, ин нишондод соли 2023 тақрибан ба 12380 сомонӣ баробар шуд. Муқоисаи ин рақамҳо аз он гувоҳӣ медиҳад, ки таъмини рушди иқтисодии мамлакат бемайлон идома дошта, сатҳи зиндагии мардум боло меравад. Яке аз самтҳои таъмини рушди иқтисодии босубот ин баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ ба ҳисоб меравад. Қобили зикр аст, ки даромади пулии аҳолӣ дар соли 2023 нисбат ба соли 2017-ум 3,3 маротиба афзуда, ба 112,7 миллиард сомонӣ баробар гардид. Сарфи назар аз вазъияти мураккаб ва ҳассоси иқтисодиёти ҷаҳонӣ, ба Ҳукумати мамлакат муяссар гардид, ки болоравии нархҳоро ба молҳои ниёзи аввалия дар сатҳи нисбатан муътадил нигоҳ дорад.

***Таъсири самараи рушди иқтисодӣ ба паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар деҳот бештар аст.*** Беш аз 70 фоизи аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аксари аҳолии камбизоат дар деҳот зиндагӣ мекунанд.

---

[2] Паёми Президенти Чумхурии Точикистон «Дар бораи самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба Маҷлиси Олӣ, «Ҷумҳурият», 28 декабри соли 2023.

[3] Паёми Президенти Чумхурии Точикистон «Дар бораи самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба Маҷлиси Оли, «Ҷумҳурият», 28 декабри соли 2023.

Чандирии сатҳи камбизоатӣ вобаста ба рушди иқтисодиёт дар деҳот нисбат ба шаҳрҳо баландтар буда, мутаносибан 0,71 ва 0,61% - ро ташкил медиҳад. Ин дар маҷмӯъ нишон медиҳад, ки таъсири дигаргуниҳои сохторӣ дар соҳаи кишоварзӣ, махсусан дар бахши пахтакорӣ ва ислоҳоти замин барои паст кардани сатҳи камбизоатӣ таъсири нисбатан муассир мерасонад.

***Нишондиҳандаҳои демографӣ ба сатҳи камбизоатӣ таъсири мустақим мерасонанд.*** Чунин нишондиҳандаҳо ба монанди андозаи хоҷагиҳои ҳавлигӣ, теъдоди атфол, ҷинс ва синну соли аъзои ҳавлӣ ҳангоми арзёбии сатҳи камбизоатӣ омилҳои муайянкунанда мебошанд. Мисол, дар муқоиса бо сатҳи миёнаи камбизоатӣ дар кишвар (64 фоиз), хатари камбизоатшавии онҳо нисбат ба хоҷагиҳои ҳавлигии дорои ду кӯдак ё камтар аз он ду маротиба бештар аст. Афзоиши босуръати аҳолӣ (10 фоиз дар 7 соли охир) барои системаи маориф, тандурустӣ ва ҳифзи иҶумҳурии Тоҷикистонимоӣ боиси шароитҳои хоси маҳдудсозанда мегардад, ки бе ин ҳам бо ниҳояти имкониятҳои хеш фаъолият мекунанд. Омилҳои демографӣ ба бозори меҳнат низ таъсир мерасонанд, ки дар он аз ҳоло афзалияти пешниҳодҳо нисбат ба талабот ба мушоҳида мерасад.

### 3.Масъалаҳои ҳифзи аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар барномаҳои давлатӣ (Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030).

Таҳдидҳои назарраси демографӣ ва экологӣ, ки бо онҳо кишвар рӯ ба рӯ шудааст, талабот ба шароитҳои манзилу маиширо афзуда, ифлосшавии муҳитизист ва сатҳи пасти идоракунии экосистемаҳо, нигоҳдории гуногунии биологӣ, харобшавии заминҳо, осебпазирӣ ба оқибатҳои тағйирёбии иқлим, дастрасӣ ба оби тоза ва санитария, аз ҷумла нобудкунии партовҳои маиширо дар бар мегиранд.

Масъалаҳои асосии сиёсати дарозмуҳлат оид ба беҳтар намудани шароити манзилии аҳолӣ ба зиёд намудани масоҳати манзил дар соли 2030, тавсеа додани имкониятҳои дастрасӣ ба манзили мустақил, хусусан барои оилаҳои ҷавон, беҳтар намудани сифати манзил, чӣ аз ҳисоби бунёди манзили сифатноки нав ва чӣ аз ҳисоби таъмири капиталии фонди манзили мавҷуда, беҳтар намудани шароити зисту зиндагии аҳолӣ аз ҳисоби дастрасии беҳтар ба хизматрасониҳои коммуналӣ, бахусус дар деҳот, баланд бардоштани устуворӣ ва беҳтар намудани сифати хизматрасонии ба аҳолӣ пешниҳодшаванда, беҳтар намудани устувории молиявии корхонаҳои хоҷагии манзилию коммуналӣ,

бунёди мавзеи бехатар аз нигоҳи рафъи таҳдидҳои офатҳои табиӣ алоқаманд мебошанд.

**Шароити мусоид барои зиндагӣ:**

Дурнамои дарозмуҳлати стратегияи рушди хоҷагии манзилию коммуналӣ аз таъмини дастрасии пурраи ҳамаи шаҳрвандони Тоҷикистон ба хизматрасониҳои устувор ва аз лиҳози нарх ва сифат қобили қабул дар асоси принсипҳои иқтисоди бозаргонӣ, ки ба талаботи муосири санитарӣ ва экологӣ ҷавобгӯ мебошанд, иборат аст. Масъалаҳои низоми идоракунии хавфҳои офатҳои табиӣ ва идоракунии самараноки захираҳои табиӣ низ ҷузъи ҷудонопазири стратегияи мазкур маҳсуб меёбанд. Дар ин раванд тақвияти фаъолият дар самти сарфаи захираҳо, мутобиқат ба тағйирёбии иқлим ва баинобатгирии талаботи барномаи Сендай доир ба коҳиш додани хавфи офатҳои табиӣ муҳим мегардад[4].

Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2012 (минбаъд-СПКСК) барномаи миёнамӯҳлати амалигардонандаи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2015 маҳсуб гардида, ҷабҳаҳои асосии рушди иқтисодию иҷтимоии кишварро дар ин давра, бо дарназардошти таъсири бӯҳрони иқтисодию молиявии ҷаҳонӣ муайян менамояд. Ҳадафҳои Стратегияи мазкур фаъолияти мушаххасро ҷиҳати татбиқиислоҳоти институтсионалӣ ва иқтисодӣ дар бар гирифта, ба захираҳои мавҷуда ва эҳтиёҷоти иловагӣ асос ёфтааст ва барои ноил шудан ба рушди устувори иқтисодӣ, афзоиши ҳаҷм ва сифати хизматрасониҳои иҷтимоӣ ва дар маҷмӯъ ба ҳри паст кардани сатҳи камбизоатии аҳолии кишвар равона мегарданд[5].

Қобили зикр аст, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳри баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ соли 2005 барои таҳияи барномаи дарозмӯҳлати иҷтимоию иқтисодӣ - Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2015 (минбаъд-СМР) ташаббус зоҳир намуд ва дар ин замина стратегияҳои миёнамӯҳлати паст кардани сатҳи камбизоатӣ барои ҳар сесола дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия мегарданд. (а) Блоки функсионалӣ, ки шароитҳои дахлдори институтсионалии рушдро таъмин намуда, бахшҳои зайлро дар бар мегирад: ислоҳоти идоракунии давлатӣ; рушди макроиқтисодӣ; беҳбуди фазои инвеститсионӣ, инкишофи бахши хусусӣ ва соҳибкорӣ; ҳамкориҳои минтақавӣ ва ҳамгироӣ ба иқтисодиёти ҷаҳонӣ;

---

[4] Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. 54-67с

[5] Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2012с.

(б) Блоки истеҳсолӣ, ки барои рушди иқтисодӣ шароитҳои моддиро таъмин намуда, бахшҳои зайлро муттаҳид месозад: амнияти озуқаворӣ ва рушди бахши аграрӣ; рушди инфраструктура, энергетика ва саноат;

(в) Блоки Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дастрасии васеъро ба хизматрасониҳои заминавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳалли масъалаҳои рушди ҷомеа таъмин намуда, бахшҳои зеринро дар бар мегирад: рушди системаи тандурустӣ; рушди системаи маориф ва илм; тавсеаи дастрасӣ ба таьминот бо об, санитария ва хоҷагии манзилию коммуналӣ; такмили ҳифзи иҶумҳурии Тоҷикистонимоии аҳолӣ; таъмини баробарии гендерӣ; таъмини суботи экологӣ.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сатҳи камбизоатӣ тайи ду соли охир ба андозаи 0,9 фоиз коҳиш ёфта, соли 2022 ба 22,5 фоиз баробар шудааст, бари фаъолияти чунин соҳа нишондиҳандаи хуб аст[6].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди ба даст даровардани истиқлол се дафъа барӯйхатгирии аҳолӣ баргузор шудааст. Бори якум мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 майи 1998 «Дар бораи барӯйхатгирии аҳолӣ» 20–27 январи 2000 доир шуда буд. Дар он давра мувофиқи маълумоти оморӣ шумораи аҳолии доимии шаҳрҳо нисбат ба соли 1989 (тибқи Барӯйхатгирии аҳоли пешина) аз 1 млн 668 ҳазор то 1623 ҳазор нафар кам шуда, шумораи аҳолии доимии деҳот баръакс аз 3441 ҳазор то 4504 ҳазор нафар зиёд шудааст. Ҳамин тарз, дар давоми 11 сол (1989—2000) ҳиссаи аҳолии доимии шаҳрҳои Тоҷикистон аз 32,5 дарсад то 26,5 дарсад кам шуда, аҳолии доимии деҳот, баръакс, аз 67,5 дарсад то 73,5 дарсад афзудааст.

Бори дуюм мувофиқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 августи 2009, № 685 «Дар бораи гузаронидани барӯйхатгирии аҳолӣ» аз 21 то 30 сентябри 2010 дар қаламрави ҷумҳурӣ Барӯйхатгирии аҳоли ва фонди манзил баргузор шуд. Аз рӯйи маълумоти пешакии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба Барӯйхатгирии аҳоли ва фонди манзил, шумораи аҳолии доимии мамлакат ба ҳолати 21 сентиябри 2010-ум 7 565 ҳазор нафарро ташкил кард. Шумораи аҳолии ҷумҳурӣ (дар январи 2010) нисбат ба соли 2000-ум 1 438 ҳазор нафар ё 23 дарсад, дар муқоиса бо ҳисобу китоби маълумоти аввали соли 2010, 35,4 ҳазор нафар ё 0,5 дарсад зиёд шудааст. Ин зиёдшавии шумораи аҳолӣ дар ҷумҳурӣ аз ҳисоби афзоиши табиӣ ва пеш аз ҳама, аз ҳисоби нишондиҳандаҳои баланди таваллуд ва болоравии шумораи таваллуд нисбат ба фавт ба вуҷуд меояд[7].

Дар соли 2020 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бори севум барӯйхатгирии аҳолӣ сурат гирифт. Дар соли 2020 шумораи умумии аҳолии Тоҷикистон то 9

---

[6] Стратегияи миллии рушди Ҷумхурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. 54-67с

[7] Исайнов Ҳ.Р. Иқтисоди миллӣ: китоби дарсӣ,-Душанбе Ирфон, 2018с, 548с.

678 613 нафар афзудааст. Инчунин ба 1-уми январи соли 2024 шумораи аҳолии кишвар ба 10277,1 ҳазор нафарро ташкил додааст[8].

***Таъмини суботи экологӣ – омили муҳими ба рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидаткунанда.*** Масъалаҳои суботи экологӣ мустақиман ба вазифахои нисбатан мухим алоқаманд буда, гурӯҳи мақомоти ба ҳам алоқаманди давлатӣ азм доранд иҷрои ин мақсадҳоро дар Тоҷикистон таъмин намоянд.

Қонунгузории экологии ҷумҳурӣ ба таври зарурӣ инкишофёфта буда, вале дар аксари қонунҳо механизми татбиқ вуҷуд надорад ва вобаста ба сабабҳои маҳдудиятҳои ҳамоҳангсозии байниидоравӣ он бо қонунгузориҳои дигар вазорату идораҳо мутаносиб гардонида нашудааст[9].

Вазъи мавҷуда ҳам ба назорати сифати муҳити зист ва ҳам ба ҳолати он таъсири манфӣ мерасонад. Дар натиҷа бад гардидани сифати хок (мутобиқи арзёбӣ то 97.9 фоизи заминҳои кишоварзӣ таҳти бодлесӣ қарор дошта, беш аз 15 фоизи заминҳои обёришаванда шӯр ё ботлоқӣ шудаанд), ҷараёни беҷангалшавӣ, култиватсия, аз ҳад зиёд чаронидани чорво, коркарди беиҷозати нишебиҳои кӯҳсор, ба таври кушод истихроҷ намудани канданиҳои фоиданок ба мушоҳида мерасад. Миқдори зиёди кӯлҳои хатарноки кӯҳсор ва обанборҳо бесуботии экологиро боз ҳам амиқтар мегардонанд[10].

Вазъи нигаҳдошт ва нобуд кардани партовҳо низ ташвишовар аст. Махсусан маҳали гӯр кардани партовҳо аз нигоҳи экологӣ ниҳоят хатарнок мебошад (дар маҷмӯъ дар ҷумҳурӣ 22 маҳали гӯр кардани партов мавҷуд аст, ки 8 адади он дар ҳолати ногувор қарор дошта, таҷдиди бетаъхирро тақозо менамояд). Обҳои зеризаминӣ аз сабаби истифодаи аз ҳад зиёди пору, пеститсидҳо ва партови обҳои аз обёрӣ ниҳоят менирализатсияшуда соҳаи кишоварзиро ифлос менамоянд. Аксари нуқтаҳо ва бунгоҳҳои машғули мониторинг фаъолият намекунанд. Воситаҳо барои таъмини корҳои экологӣ, ки дар ҳамаи лоиҳаҳои татбиқшавандаи инвеститсионӣ пешбинӣ гардидаанд (то 3 фоиз аз арзиши онҳо), мутобиқи таъинот истифода бурда намешаванд.

Ҳангоми ҳалли вазифа оид ба пешбурди сиёсати экологии кишвар мутобиқи воқеияти мавҷудаи иқтисодӣ, баланд бардоштани нерӯи мақомоте, ки барои таҳия ва татбиқи сиёсати экологӣ масъуланд, татбиқи тадбирҳои фаврӣ оид ба маҳдудсозӣ ва барҳамдиҳии таъсири маҳалҳои аз байн бурдани маводи радиоактивӣ ва токсикии мавҷуда, ба талаботи қонунгузории ҳифзи табиат мутобиқ гардонидани вазъи полигонҳо барои нигаҳдошти партовҳои дурушти маишӣ мушкилоти зиёде пеш меояд.

---

[8] Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. 54-67с

[9] Одинаев Х.А. Эколого-экономическое регулирование природо-пользования в сельском хозяйстве. – М.: МАКСПресс, 2004. -240 с.

[10] Исайнов Ҳ.Р. Иқтисоди миллӣ: китоби дарсӣ,-Душанбе Ирфон, 2018с, 548с.

Бо дарназардошти ҳамин проблемаҳои асосии суботи экологӣ аз инҳо иборатанд:

- нокифоягии нерӯи мақомоте, ки барои таҳия ва татбиқи сиёсати экологӣ ва  танзими системаи нуқтаҳо ва бунгоҳҳои мониторинги экологӣ, бунгоҳҳои мониторинги пиряххо, сарбандҳо ва обанборҳо, таҳия ва таъсиси махзани маълумот оид ба муҳити зист дар ноҳияҳои таҷрибавӣ масъуланд;
- дар аксари қонунҳои амалкунанда  ё аз нав таҳияшавандаи ҳифзи табиат мавҷуд набудани механизми татбиқи онҳо;
- наандешидани тадбирҳо оид ба  коркард ва нобуд сохтани маводи ниҳоят хатарноки химиявӣ, сохтмони полигонҳо ҷиҳати ҷойгиронии партовҳои токсикӣ, гӯр кардани  заҳрхимикатҳои корношоям ва барои истифода манъгардида;
- сатҳи на он қадар баланди татбиқи тадбирҳои аввалиндараҷа оид ба ҳифз ва истифодаи самарабахши захираҳои обӣ, пешгирии таназзули захираҳои замин, гуногунии биологӣ ва ифлосшавии ҳавои атмосфера;
- мавҷуда набудани системаи мониторинги экологии истеҳсолӣ;
- сатҳи нокифояи ташкили корҳои барқарорсозии ҷангал, камтар зоҳир намудани таваҷҷӯҳ ба ҳудудҳои махсус ҳифзшавандаи табиӣ ва баланд бардоштани сатҳи маърифати экологӣ.

Бо дарназардошти мақсад ва афзалиятҳои СМР/ СПКСК, инчунин ба инбат гирифтани проблемаҳои бахш дар доираи бахши «Таъмини суботи экологӣ барои солҳои 2007-2009» вазифаҳои асосии зайл муайян гардидаанд: (1) гузаронидани ислоҳоти институтсионалӣ ва такмили заминаи қонунгузорӣ; (2) пешбурди лоиҳаҳои амалкунанда ва таҳияи лоиҳаҳои нави инвеститсионӣ.

Бояд ба инобат гирифт, ки пролбемаҳои суботи экологӣ дар доираи СПКСК ҳамчун мавзӯи  ҳамаҷониба баррасӣ мегардад.

## Адабиёти истифодашуда:

**1.**Аблаева М. Ҳ.,  Давлатова М. Ҳ. Мафҳум ва хусусиятҳои хизматрасониҳои иҷтимоӣ: мақола: SJIF 2020 - 5.497, 2021 – 5.8. 10 с

**2.**Булатов, А.С. национальная экономика: Учебное пособие / А.С. Булатов. – М.: Магистр, ИНФРА-М, 2012. – 304 с.

3.Николаева Т.П. Основы информационной экономики: уч. пос. – СПБ.: ООО «ЛЕКС СТАР», 2001. – 128 с.

4.Одинаев Х.А. Эколого-экономическое регулирование природо-пользования в сельском хозяйстве. – М.: МАКСПресс, 2004. -240 с.

5. Паёми Президенти Чумхурии Точикистон «Дар бораи самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба Маҷлиси Оли, «Ҷумҳурият», 28 декабри соли 2023.
6. Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2012с.
7. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. 54-67с
8.Ҳакимов Ҳ. А. Ташкили идораи иқтисоди миллӣ. Васила и таълим. – Душанбе: «Ирфон», 2005. - 416 с.
9.Ҷонмамадов Ш.Б., Раҳмонов Ҷ.Р., Мамадалиев Ф.С. Танзими давлатии иқтисодиёт. – Душанбе: Ирфон, 2010. -166 с.
10.Исайнов Ҳ.Р. Иқтисоди миллӣ: китоби дарсӣ,-Душанбе Ирфон, 2018с, 548с.